Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-063-и назди
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон (734055, ш.Душанбе, х.Борбад 48/5)

**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович дар мавзӯи "Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ.

Ҷаҳонишавии фаъолияти иқтисодӣ, рушди технологияҳои нав ва тағйирёбии динамикии шароит асоси ташаккул ва рушди соҳибкории шабакавӣ мебошад.

Соҳибкории шабакавии минтақа нисбат ба шаклҳои анъанавии фаъолияти соҳибкорӣ бартариҳои рақобатӣ дошта, ба ҳар як субъекти он имкониятҳои иловагӣ медиҳад ва самаранокии ислоҳоти иқтисодиро нишон медиҳад.

Соҳибкории шабакавӣ - як роҳи усули хоҷагидорӣ мебошад, ки бо ёрии он маҳсулоти истеҳсолшуда одилона тақсим карда мешавад.

Қобили қайд аст, ки ташаккули соҳибкории шабакавӣ ҷузъи иқтисодиёти муосири рақамӣ (инноватсионӣ) мебошад. Зеро, соҳибкории шабакавӣ омили асосии рушди иқтисодиёти муосири рақамӣ мебошад.

Ҳамаи ақидаҳои дар боло зикр карда, мубрамияти таҳқиқи назариявӣ ва методии ташаккул ва рушди соҳибкории шабакавиро нишон медиҳад.

Дар боби 1. "Асосҳои назариявӣ-методии таҳқиқи иқтисодиёти шабакавӣ" –асосҳои назариявии таҳқиқи иқтисодиёти шабакавӣ, равияҳои методии баҳодиҳии сармояи зеҳнии он ва таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди иқтисодиёти шабакавӣ таҳқиқ шудааст.

Боби 2. "Ҳолати муосир ва рушди соҳибкории шабакавии вилояти Суғд" буда, дар он ҳолати муосири рушди соҳибкории шабакавӣ, соҳибкории

истеҳсолӣ дар соҳаи саноат дар баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт ва самаранокии соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат таҳлил шудааст.

Боби 3. "Такмили механизми рушди соҳибкории шабакавии вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошад. Дар он баланд бардоштани самаранокии ҳамкории давлат ва тиҷорат, васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ, танзими давлатии он омӯхта шудаст. Дар ҷамбасти боби 3 аҳамияти ҷойгиркунӣ ва рушди соҳибкории шабакавии вилояти Суғд дида баромада шудааст.

Дар хулосаҳо ва пешниҳодҳо хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои амалӣ таҳия шудааст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ мутобиқ аст: 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; 4. Пешгӯии тағйироти сохтории рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ; 5. Таҳқиқи фаъолияти соҳибкорӣ дар ягонагии унсурҳои асосии он: шахсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ-идоракунӣ; 6. Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи аломатҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ; аз рӯйи миқёси фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, миёнаравӣ ва ғ.); 13. Ташкили низоми ҳамкории соҳибкории хурд ва калон. Ташаккул ва рушди соҳибкории шабакавӣ бо назардошти мақсаднокии иқтисодии он. Франчайзинг ҳамчун намуди махсуси фаъолияти соҳибкорӣ; 23. Самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани он.

Давраи иҷрои диссертатсия солҳои 2015–2023-ро дарбар мегирад.

Дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки диссертатсияи Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович дар мавзӯи "Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)" кори ба анҷомёфта мебошад. Рисола ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи назарияи иқтисодии
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров" Исмоилов М.М.

Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович, тел.: +992 92 775-67-55
E –mail: mamarahim@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор М.М.Исмоилов -ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси раёсати МДТ "ДДХ ба номи
ак. Б. Ғафуров" З.С. Ҳусейнова

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш.Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Телефон: (+992 3422) 6-52-73,
Факс: (+992 3422) 6-75-18.
E – mail: hgu-rector@hgu.tj.